**ЗАМИМАИ №10**
**ба Стандарт оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ**

# ДАСТУРАМАЛ
## оид ба фаъолият пас аз анҷом додани аудит Роҳнамо-3108

1.1. Дастурамал оид ба фаъолияти пас аз анҷом додани аудит (минбаъд Дастурамал) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон", Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, СПҲ -100 Дастурамал оид ба асосҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб, СПҲ 300 Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, Стратегияи рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2023, Стандартҳои байналмилалии мақоми олии аудит ISSAI-100 Принсипҳои асосии аудити бахши давлатӣ, ISSAI-300 Принсипҳои аудити самаранокӣ ISSAI-3000 Стандартҳои аудити самаранокӣ, ISSAI-3910 Консепсияҳои марказии аудити самаранокӣ, ISSAI-3920 Раванди аудити самаранокӣ, Роҳнамои ширкати байналмилалии машваратии CIPFA (Британияи Кабир) "Оид ба аудити самаранокӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**1.2.** Дастурамали мазкур марҳилаи охирони аудити самаранокиро дар бар мегирад. Яке аз мақсадҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб такмил додани идоракунӣ ва ҳисоботдиҳии бахши давлатӣ дар натиҷаи иҷрои пешниҳоду тавсияҳое мебошад, ки дар натиҷаи иҷро намудани пешниҳоду тавсияҳои баъд аз анҷом додани аудити самаранокӣ ифода гардидаанд. Ҷараёни аудити тавсияҳои пешниҳодгардида ба иҷрои нисбатан самаранок ва саривақтии онҳо мусоидат менамояд. Фаъолият оид ба анҷом додани аудитҳо ба Палатаи ҳисоб ва Парламент робитаи баргардандаро дар бораи таъсири мусбат расонидани аудити самаранокӣ ба амалияи идоракунӣ дар бахши хусусӣ пешниҳод менамояд.

1.3 Назорати иҷрои пешниҳоду тавсияҳо иборат аст аз аудити саривақтӣ ва мунтазами амалҳое, ки роҳбарияти ташкилот оид ба иҷрои пешниҳоду тавсияҳои Палатаи ҳисоб аз натиҷаи аудит иҷро намудааст,

арзёбии эҳтимолияти он, ки тадбирҳои андешидаи роҳбарияти объекти аудит барои ислоҳи камбудиҳо мусоидат мекунанд, арзёбии мушкилии иҷрои пешниҳоду тавсияҳо аз натиҷаи аудит аз ҷониби ташкилоти аудитгузароната, қарор оид ба зарурати иҷрои минбаъдаи аудит дар доираи аудити мазкур ё гузарондани аудити ниҳоӣ пас аз гузаштани вақти муайян, муайян намудани рӯйхати тавсияҳои пурра иҷрокардаи объектҳои аудитшуда, дар шакли навкунии маълумот анҷом дода назорати зикргардида, арзёбии иҷрои пешниҳоду .тавсияҳои аудит, ки бо таври афзалиятнок дар Палатаи ҳисоб амалӣ мегардад ва аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳои аудит, ки дар ташкилоти аудитшаванда иҷро карда мешаванд.

## ШАРҲИ УМУМӢ

Обрӯи Палатаи ҳисоб ва боварӣ нисбати он бештар ба сифати ҳисоботи Палатаи ҳисоб вобаста мебошанд. Ҳисоботи нашргардидаи аудиторӣ маҳсулест, ки мувофиқи он ҳокимияти қонунгузор ва ҷомеа ба фаъолияти анҷомдодаи Палатаи ҳисоб дар соҳаи аудити самаранокӣ баҳо мегузоранд. Ҳар гуна хатои ҷиддӣ, хусусан хатоҳое, ки бо ташкилотҳои таҳти аудит қарордошта муҳокима карда шудаанд, метавонанд боиси коста гардидани боварӣ ҳам ба ҳисоботи мушаххаси аудиторӣ ва ҳам нисбати Палатаи ҳисоб дар умум гарданд. Бинобар ин, ба амиқӣ, мантиқ ва возеҳии ҳисоботи аудиторӣ диққати махсус додан лозим аст.

Дар Дастурамали мазкур дида мебароем, ки ба Парламент ва тарафҳои манфиатдор, инчунин воситаҳои ахбори омма дар бораи ҳисоботи хотимавии аудиторӣ чӣ гуна маълумотро пешниҳод кунем, иҷрои пешниҳоду тавсияҳои дар ҳисобот дарҷгардидаро оид ба натиҷаи аудити анҷомдодашуда чӣ тавр назорат кунем ва санҷем.

Дар натиҷа, баъд аз анҷоми аудит иштирокчиёни он метавонанд ҳисоботи аудиториро ба Парламент ва тарафҳои манфиатдори дигар дар шакли дахлдор пешниҳод кунанд, инчунин иҷрои пешниҳоду тавсияҳои дар ҳисоботи аудиторӣ дарҷгардидаро аз ҷониби тарафи таҳти аудит қарорграфта санҷанд ва ба таври дахлдор ба он баҳо диҳанд.

## МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

***Пешниҳод намудани ҳисобот*** – маводи аудит, ки дар шакли махсус мутобиқи стандарти муқаррааргардида нашр карда шудаанд.

***Аудити чандтарафа*** – аудити иҷрои воқеии чораҳо тибқи натиҷаи якчанд аудити дар доираи як ташкилот анҷомдодашуда ё якчанд аудит

(бо мавзӯъҳои ба ҳам монанд), ки дар ташкилотҳои гуногун анҷом дода шудаанд.

***Таъсиррасонии аудити самаранокӣ*** – натиҷаи пас аз андешидани чораҳои бартарафсозии камбудию норасоиҳои ошкоргардида бадастомада, инчунин иҷрои пешниҳоду тавсияҳои дар ҳисоботи аудиторӣ дарҷгардида.

## 1. ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ҲИСОБОТ БА ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ НИҲОИИ ОН

### *1.1. Пешниҳод намудани ҳисобот ба Парламент ва тарафҳои манфиатдор*

Мутобиқи стандарти байналмилалии амалкунанда ва қонунгузории ҷумҳурӣ тамоми ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби Палатаи ҳисоб ба Парламент ва тарафҳои манфиатдори дигар пешниҳод карда мешаванд, бояд равшан ва боэътимод бошанд.

Дар ҳисобот бояд шарҳи ҳолати воқеии корҳои дар рафти аудити фаъолияти объекти аудит ошкоргардида, аз ҷумла ҳолатҳои истифодаи ғарисамараноки маблағи буҷет, бо зикр намудани сабабҳои пайдошавии онҳо, миқдор ва оқибатҳои чунин норасоиҳо, инчунин шахсони мансабдори масъул, ки ба истифодаи ғайрисамараноки маблағҳои давлатӣ роҳ додаанд, ҷой дода шавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар марҳилаи навиштани ҳисобот роҳбарияти Палатаи ҳисоб лоиҳаи ҳисоботро ба мақомоти ҳокимияти давлатии дахлдор мефиристад ва роҳбаряти он мақомот дар муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бояд ақидаи худро оид ба далелҳои дар лоиҳаи ҳисобот дарҷгардида баён намояд. Чунин ақидаҳо ба лоиҳаи ҳисобот замима карда мешаванд. Роҳбари Палатаи ҳисоб нисбати чунин ақидаҳо эродҳои худро қайд карда метавонад.

Интишори ҳисобот бо роҳи пурра пешниҳод намудани он ба парламент, кумитаҳои соҳавии алоҳида, пешниҳоди ҳисоботи ихтисоркардашуда ё нашри он ба воситаи бюллетени иттилоотӣ сурат мегирад.

Дар ҳолатҳои алоҳида, ки метавонад боиси шавқу рағбати беандоза гарданд, мутобиқи дастури Парламент дар рӯзи таъингардида роҳбари Палатаи ҳисоб ё шахси ваколатдор ҳисоботро ба Парламент пешниҳод менамояд.

### *1.2. Пешниҳод намудани ҳисобот тавассути васоити ахбори омма*

Дастрас будани маълумоти муфассал оид ба натиҷаҳои аудит дастоварди муҳими демократия мебошад. Ба ҷомеа пешниҳод намудани маълумот оид ба натиҷаҳои аудит яке аз уҳдадориҳои муҳими Палатаи

ҳисоб ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин, чунин амал ба Палатаи ҳисоб имкон медиҳад, ки обрӯ ва эътибори худро дар назди ҷомеа афзун намуда, фаъолияти худро шаффофу ошкоро гардонанд.

Пешниҳод намудани маълумот оид ба натиҷаҳои аудит бо усулҳои гуногун сурат мегирад. Палатаи ҳисоб метавонад нишасти матбуотӣ гузаронад ё ба намояндаҳои матбуот шахсан иттилоот пешниҳод кунад. Шахсони мансабдори болоии Палатаи ҳисоб, ки оид ба мавзӯи ҳисобот дониши амиқ доранд, метавонанд мусоҳиба доир намоянд. Дархостҳо дар хусуси пахш намудани мусоҳиба тавассути радио, телевизион ва шабакаи Интернет аз ҷониби воҳидҳои махсуси Палатаи ҳисоб, чун қоида, аз ҷониби шуъбаи робита бо ҷомеа анҷом дода мешавад.

Ғайр аз ин, ба таври ҳатмӣ оид ба натиҷаи ҳар як ҳисоботи аудити самаранокии анҷомдодашуда барои матбуот (варақаи матбуотӣ) маълумоти мухтасар тартиб дода мешавад. Чунин маълумоти барои матбуот омодагардида бо мақсади ҷалб намудани диққат ба ҳисобот ва бедор намудани шавқи рӯзноманигорон ба мазмуни он истифода мешавад. Одатан, маълумоти барои матбуот омодагардида аз хулосаи асосии ҳисобот оғоз мешавад. Сипас, нуктаҳои асосии ҳисобот қайд карда мешаванд. Ин гуна қисмати асосии варақаи матбуотӣ бо иқтибоси роҳбари Палатаи ҳисоб анҷом ёфта метавонад. Одатан, гуфтаҳои роҳбари Палатаи ҳисоб, ки дар варақаи матбуотӣ аз он иқтибос оварда мешавад, ғояи асосии ҳисоботро инъикос менамояд.

Боварӣ ҳосил кардан лозим аст, ки маълумот ба матбуот мазмуни асосии ҳисоботро нишон медиҳад, инчунин хулосаҳои аудитро аз ҳам ҷудо намудан лозим аст. Ҳаҷми умумии варақаи матбуотӣ одатан набояд аз ду саҳифаи андозаи А4 зиёд бошад.

Новобаста ба он, ки интизор меравад аъзои гурӯҳи аудиторон ва кормандони босалоҳияти дигари Палатаи ҳисоб ба саволҳои ҳисоботи нашргардида ҷавоб мегардонанд, инчунин маълумоти дигари хусусияти умумидоштаи муфидро пешниҳод менамоянд, онҳо набояд ягон тахминро пешкаш кунанд ва аз доираи ҳисобот берун бароянд. Бар замми ин, онҳо набояд дар бораи «ихроҷи маълумот» -и ба мазмуни ҳисобот вобаста, ки ҳоло ба таври расмӣ нашр нашудааст, сухан ронанд ё оид ба фаъолияте, ки то ҳол анҷом наёфтааст, маълумот пешниҳод кунанд.

Ҳангоми пешниҳод кардани маълумот ба васоити ахбори омма яке аз лаҳзаҳои муҳим ба он вобаста аст, ки мо набояд ба таҳрифи маълумоти пешниҳоднамудаи рӯзноманигорон роҳ диҳем. Ғайр аз ин, эҳтиёткорона рафтор кардан лозим аст, то ин ки дар натиҷаи беасос, аз будаш зиёд нишон додани аҳамияти далелҳои муқаррарнамудаи мо дар

васоити ахбори омма ё хулосаҳои баровардаамон муносибат бо ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои дигар бад нагардад.

Тарзи аз ҳама тез пешниҳод намудани маълумот ба васоити ахбори омма оид ба аудити анҷомдодашуда шабакаи Интернет ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар сомонаи Интернетии Палатаи ҳисоб шарҳи ҳисоботи аудиториро нашр намудан лозим аст.

Шавқи воситаҳои ахбори омма нисбат ба фаъолияти Палатаи ҳисоб шавқи ҷомеаро бедор мекунад. Дар натиҷа, ин амал ба андешидани чораҳо оид ба иҷрои пешниҳоду тавсияҳои мутобиқи ҳисоботи аудиторӣ омодагардида мусоидат менамояд.

## 2. НАЗОРАТИ ИҶРОИ ПЕШНИҲОДУ ТАВСИЯҲОЕ, КИ МУТОБИҚИ АУДИТИ САМАРАНОКИИ АНҶОМДОДАШУДА ОМОДА ГАРДИДААНД

### *2.1. Мақсади аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо*

Яке аз мақсадҳои асосии фаъолияти Палатаи ҳисоб аз такмили идоракунӣ ва ҳисоботдиҳии бахши давлатӣ дар натиҷаи иҷрои пешниҳоду тавсияҳои пас аз анҷом додани аудити самаранокӣ ифодаёфта иборат мебошад. Ҷараёни аудити пешниҳодҳои омодагардида ба иҷрои боз ҳам босамар ва саривақтии онҳо мусоидат менамояд. Барои ноил гардидан ба он, Палатаи ҳисоб бояд муносибати пайдарҳам ва муназзамро нисбат ба иҷрои пешниҳоду тавсияҳои дар натиҷаи аудитҳои анҷомдодашуда омодагардида риоя намояд.

Аудити пешниҳоду тавсияҳо аз ҷониби Палатаи ҳисоб ба ҳалли се масъалаи асосӣ равона шудааст:

- мусоидат ба иҷрои пешниҳоду тавсияҳо, сабаби асосии чунин аудит - афзун намудани эҳтимолияти иҷрои пешниҳодҳо оид ба натиҷаҳои аудит мебошад. Вақте маълум аст, ки иҷрои тавсияҳо назорат карда мешавад, эҳтимолияти андешида шудани тадбирҳо оид ба пешниҳоду тавсияҳои дар ҳисобот дарҷгардида аз ҷониби роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта, ки уҳдадор мешавад онҳоро иҷро кунад, зиёд мешавад;

- мусоидат намудан ба мақоми қонунгузор дар фаъолияти он: маълумот оид ба натиҷаи аудити иҷрои тавсияҳо аз ҷониби ташкилотҳои таҳти аудит қарордошта метавонад барои фаъолияти мақоми қонунгузор фоидабахш бошад;

- арзёбии фаъолияти Палатаи ҳисоб: фаъолият оид ба назорат асоси арзёбии натиҷаҳои фаъолияти Палатаи ҳисобро, ки бо натиҷаи

ноилшавӣ ба сарфанокӣ ва самаранокӣ маблағ ифода меёбад, ташаккул медиҳад ва он метавонад дар шакли ҳамарзиши пулӣ ифода карда шавад;

- фаъолият оид ба назорат бояд бештар ба иҷрои пешниҳоду тавсияҳо нигаронида шавад, на ба ошкор намудани мисолҳои беамалӣ, аудитор бояд диққати худро ба он чораҳое равона созад, ки аз ҷониби ташкилоти таҳти аудит қарордошта оид ба бартараф намудани камбудиҳои пештар ошкоркардашуда андешида шудаанд.

Фаъолият оид ба гузарондани аудит барои Палатаи ҳисоб ва Парламент алоқаи баргардандаро дар хусуси таъсири мусбати аудитҳои самаранокӣ ба таҷрибаи идоракунӣ дар бахши давлатӣ таъмин мекунад, чунин фаъолият барои он ки самараи кори Палатаи ҳисоб дар марҳилаи пешниҳод намудани ҳисоботи аввалия дар сурати аввал аз ҷониби ташкилоти таҳти аудит қарордошта ба назар гирифта нашудани пешниҳодҳо, вале сипас, аз ҷониби он амалигардида исбот карда шавад, махсусан муфид мебошад. Чунин ҳолатҳо боварии ҷомеаро ба Палатаи ҳисоб афзун мегардонад.

### *2.2. Ҷузъҳои аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо*

Ҷузъҳои аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо иборатанд аз:

- аудити саривақтӣ ва мунтазами амалҳое, ки роҳбарияти ташкилот бо мақсади иҷрои пешниҳоду тавсияҳои Палатаи ҳисоб оид ба натиҷаи аудит иҷро намудааст;
- арзёбии эҳтимолияти он, ки чораҳои андешидаи роҳбарияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоркардашуда оварда мерасонанд;
- арзёбии дараҷаи мушкилии иҷрои пешниҳоду тавсияҳо оид ба натиҷаи аудит аз ҷониби ташкилоти таҳти аудит қарордошта;
- қабул намудани қарор оид ба зарурати амалисозии минбаъдаи аудит дар доираи аудити мазкур ё ҳангоми гузарондани аудити хотимавӣ баъди фосилаи муайяни вақт;
- муайян сохтани рӯйхати тавсияҳои аз ҷониби ташкилоти таҳти аудит қарордошта пурра иҷрогардида.

Амалҳои ба аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо оид ба натиҷаи аудити самаранокӣ вобаста бояд ба стандарти аудити муқаррарнамудаи Палатаи ҳисоб мувофиқ бошанд.

### *2.3. Намудҳои фаъолият оид ба аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо*

Фаъолият оид ба аудити мавҷудаи ифодаи пешниҳоду тавсияҳои аудити самаранокӣ одатан ба се намуд ҷудо мешавад:

- *Навкунии маълумот.*

Роҳбари аудит бояд мунтазам маълумотро оид ба фаъолияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта нав кунад, аз ҷумла оид ба иҷрои пешниҳоду тавсияҳо.

•*Аудити рафти иҷрои пешниҳоду тавсияҳои аудит, ки ба таври афзалиятнок дар Палатаи ҳисоб амалӣ мешаванд.*

Зери ин амал омӯзиши нисбатан муфассали фаъолияти ташкилоти аудитшаванда оид ба иҷрои тавсияҳои пешниҳодгардида дар назар аст, ки метавонад аз вохӯриҳо бо намояндагони ташкилоти таҳти аудит қарордошта иборат бошад. Баъзан чунин равандро «desk review» (аудите, ки онро корманд бевосита дар ҷойи кории худ мегузаронад) ном мебаранд, чунки раванди мазкур муддати дароз қарор доштанро дар ташкилоти таҳти аудит қарордошта талаб намекунад. Лекин чунин аудит метавонад дар он сурат гузаронда шавад, агар пас аз анҷом додани аудит вақти кам гузашта бошад.

•*Аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳои аудит дар ташкилоти таҳти аудит қарордошта*

Аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо, ки бевосита дар ташкилоти пештар таҳти аудит қарордодашуда анҷом дода мешавад, боздид аз ташкилоти мазкур, омодасозӣ ва пешниҳод намудани ҳисобот оид ба натиҷаҳои чунин аудитро дар бар мегирад. Вобаста ба натиҷаҳои аудит шояд чунин ҳисобида шавад, ки назорати минбаъдаи ба ин монанд эҳтимол дигар лозим нашавад. Дар сурати амалисозии аудити пурраи иҷрои пешниҳодҳо нақшаи гузарондани аудитро тартиб додан лозим аст.

### *2.4. Банақшагирии фаъолият оид ба аудит*

Банақшагирӣ ҳам барои аудит ва ҳам барои худи аудитор ниҳоятдараҷа муҳим мебошад. Банақшагирӣ қарорҳоро оид ба он ки мавзӯи аудит чӣ гуна хоҳад буд, инчунин оид ба муайян намудани ҳаҷм, захираҳо ва нақшаи кори аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо аз ҷониби ташкилоти таҳти аудит қарордошта дар бар мегирад.

Анҷом додани чунин аудитҳоро бо банақшагирии ҷорӣ ва стратегии фаъолияти Палатаи ҳисоб вобаста намудан лозим аст.

Аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо одатан дар ҳолатҳое амалӣ карда мешавад, агар интизор равад, ки таъсири мусбати аудит аз хароҷоти барои амалисозии он ҷудогардида зиёд бошад. Чунин таъсиррасонӣ метавонад ҳам афзун гардидани эҳтимолияти иҷрои тавсияҳои аудити пешина ва ҳам таъсиррасонии нави иловагиро дар бар гирад.

### *2.5. Ҳаҷми аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо*

Муайян намудан лозим аст, ки кадом ҷанбаҳои аудити аввалияро аудит гузаронидан лозим аст. Аудит бояд ба доираи маҳдуди чораҳои нисбатан муҳими андешидашуда ва натиҷаи бадастомада дар сурати иҷрои онҳо равона гардад. Дар ин сурат, ҳаҷм бояд нисбатан васеъ бошад то ин ки иҷрои тавсияҳои пешниҳодгардида аз ҷониби ташкилоти таҳти аудит қарордошта ба таври умумӣ арзёбӣ карда шавад.

Муайян намудани ҳаҷм бояд бо назардошти ҷанбаҳои зерин сурат гирад:

- оё хулосаҳои ҳангоми аудити пешина баровардашуда барои ташкилоти таҳти аудит қарордошта то ҳол аҳамият доранд;

- роҳбарияти ташкилот барои бартараф намудани вазъияти пештар ба амаломада кадом чораҳоро андешидааст;

- то кадом андоза ба ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи ташкилот оид ба андешидани чораҳои мушаххас ва ҷорӣ намудани тавсияҳои аз рӯи натиҷаи аудит ҳосилшуда бовар кардан мумкин аст.

***2.6. Аудити чандинтарафаи иҷрои пешниҳоди аудитҳои гуногун***

Агар дар ягон ташкилот якчанд аудит анҷом дода шуда бошад ё дар ташкилотҳои гуногун аудитҳои мавзӯяшон ё саволҳояшон ба ҳам монанд гузаронда шуда бошанд, имконияти аудити чандтарафаи иҷрои пешниҳоду тавсияҳои дар натиҷаи гузарондани аудитҳои мазкур муайяншударо баррасӣ намудан мумкин аст.

Банақшагирии гузарондани чунин аудит бояд ба принсипҳои раванди муқаррарии банақшагирӣ, ки пештар шарҳ дода шудааст, бо назардошти чорабиниҳои вобаста ба банақшагирии стратегию фаврии дар дохили Палатаи ҳисоб анҷомдодашаванда асос ёбад.

Дар сурати анҷом додани аудити чандинтарафа Палатаи ҳисоб бояд қарор диҳад, ки айни ҳол кадом кор нисбатан мувофиқ аст – шинос шудан бо амалҳои якчанд ташкилоти махсус интихобгардида, ки дар онҳо аллакай аудит гузаронда шудааст ё муайян намудани он ки оё таъсири нисбатан васеи аудитҳои анҷомдодашуда ба бахши давлатӣ ба даст оварда шудааст ё не. Муайян намудани чунин таъсир ба воситаи гузарондани аудити он ки оё пешниҳоду тавсияҳои аудитҳои гузарондашуда аз ҷониби ташкилотҳои дигари давлатӣ, ки дар онҳо чунин аудитҳо гузаронда нашудаанд, амалӣ гардидаанд, сурат мегирад. Дар ин ҳолат тавсияҳо бояд пешакӣ аз ҷониби ҳукумат ва вазоратҳо ба ташкилотҳои дигар, ки дар онҳо аудит гузаронда нашудааст, паҳн гарданд.

***2.7. Захираҳо барои амалисозии аудит***

Захираҳо барои амалисозии иҷрои пешниҳодҳои аудит ба чунин омилҳо вобаста мебошанд:

- хусусияти муносибатҳо бо ташкилоти таҳти аудит қарордошта;
- имконияти аъзои гурӯҳи пештар аудитро анҷомдода барои иштирок дар аудити иҷрои тавсияҳои пешниҳодгардида.

Дар сурати зиёд будани дараҷаи хавф гузарондани аудити нави самаранокӣ, ки аудити иҷрои пешниҳодҳои аудити пешинаро дар бар мегирад, мувофиқи мақсад мебошад.

### *2.8. Ҷамъ овардани иттилоот*

Ҳангоми анҷом додани аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо кормандони Палатаи ҳисоб метавонанд ба сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ муроҷиат кунанд. Чунин сарчашмаҳои иттилоотӣ инҳо мебошанд:

- натиҷаҳои аудити молиявӣ, воситаҳои дигари назорат дар ташкилоти таҳти аудит қарордошта;
- ҳисоботи солонаи ташкилоти таҳти аудит қарордошта, инчунин аризаи роҳбарияти он оид ба масъалаҳои самаранокии харҷи маблағи давлатӣ;
- маводи аудити аз ҷониби худи ташкилоти таҳти аудит қарордошта, инчунин макомоти ваколатдори дигар гузарондашуда.

Дар аввали аудит ба ташкилоти таҳти аудит қарордошта фиристодани мактубе, ки дар он хоҳиш карда мешавад оид ба ҳолати корҳои вобаста ба иҷрои ҳар як пешниҳоди аудит иттилоот пешниҳод гардад, аз манфиат холӣ нест. Иттилооти ба мо пешниҳодгардида нуктаи асосии аудити ҳуҷҷатҳо, инчунин амалисозии тартиботи дигари аудит хоҳад гардид.

### *2.9. Барасмиятдарории натиҷаҳои аудит*

Натиҷаҳои аудити иҷрои пешниҳоду тавсияҳо бояд ба таври дахлдор ба расмият дароварда шаванд. Амалҳое, ки нисбат ба ҳар як пешниҳод андешида шудаанд, дар он гурӯҳе ба қайд гирифта мешаванд, ки барои мо ҷиҳати шарҳи чораҳои андешидашуда нисбатан мувофиқанд. Дар хусуси сабабҳои мавҷуд набудани чораҳо ё ба итмом нарасондани онҳо бояд ҳуҷҷат тартиб дода шавад, дар бораи пешниҳодҳои аз ҳама ҷиддии иҷронашуда зарурати амалӣ намудани фаъолияти иловагиро оид ба аудит фикр карда баромадан лозим аст.

Розӣ набудани ташкилоти таҳти аудит қарордошта ба иҷрои пешниҳод ё пешниҳодҳои мазкур маънои онро надорад, ки мо ҳуқуқи аудит гузаронданро вобаста ба ин масъала надорем. Агар ташкилоти

тахти аудит қарордошта ягон чора наандешида бошад, дар сутуни «ҳолати корҳо оид ба иҷрои пешниҳод» чунин навиштаҷотро дарҷ намудан лозим аст: «чораҳо андешида нашудаанд ва ташкилот нияти чораандеширо надорад».

### *2.10. Арзёбии таъсири аудити самаранокӣ*

Арзёбии чораҳои вобаста ба далелҳои муқаррарнамудаи мо ва пешниҳодҳои баёншуда кӯмак мерасонанд, ки таъсири фаъолияти Палатаи ҳисоб дар соҳаи гузарондани аудити самаранокӣ андозагирӣ шавад.

Таъсиррасонӣ натиҷаро дар бар мегирад- натиҷаи мусбат ва натиҷаи манфӣ, натиҷаи чашмдошт ё тасодуфӣ – ки аз амалҳои ҷавобан ба далелҳои дар ҳисобот мавҷудбуда ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи аудит иҷрошуда бармеояд. Ба таъсиррасонӣ афзун гардидани сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, беҳсозии банақшагирӣ, назорат ва идоракунӣ, инчунин такмили ҳисоботдиҳӣ мисол шуда метавонад.

Таъсиррасонӣ сифатӣ буда метавонад, масалан, дар сурати бартараф намудани мушкилоти ошкоргардида ё иҷрои меъёрҳое, ки ҳангоми анҷом додани аудит ифода карда шудаанд. Таъсиррасонӣ инчунин метавонад миқдорӣ бошад ва бо сарфаи захираҳо зоҳир ёбад. Ҳангоми муайян намудани таъсиррасонии пешниҳоду тавсияҳои иҷрогардидаи аудит аз маблағи воситаҳои сарфагардида хароҷоти барои чораандешӣ ҷудогардида, ки боиси чунин сарфакорӣ шудаанд, бояд тарҳ карда шавад, то ин ки маблағи «софи» ҳосилгардидаро нишон додан мумкин бошад.

Аён аст, ки таъсири ҷудогонаи аудитро дар шароити тағйироти дигари назаррас ба таври махсус қайд намудан душвор мебошад. Ҳатто агар таъсири муайянро ба таври кофӣ бо гузарондани аудит шарҳ додан мумкин бошад, андозакунии таъсир аз ҷиҳати маблағи сарфашуда ё беҳтар гардидани сифати хизматрасонӣ метавонад аудити ҷиддиро талаб кунад. Омили асосии арзёбӣ худи далели иҷро шудан ё иҷро нашудани пешниҳодҳои аудит боқӣ мемонад ва он метавонад ягона нишондиҳандаи таъсири аудит бошад, ки онро андоза намудан мумкин аст. Агар иҷрои ин кор имконпазир бошад, ба шарҳи таъсири пурраи аудит омилҳои дигарро низ ворид намудан мумкин аст, ки таъсири расондаи аудитро тасдиқ менамоянд.

### *2.11. Ҳисобот оид ба натиҷаҳои аудит*

Норасоиҳо ва дастовардҳои ҳангоми аудити иҷрои пешниҳодҳои аудит муқарраркардашуда бояд ба мақоми қонунгузор фиристода шаванд. Ҳисоботи алоҳидаро оид ба гузарондани аудити дахлдор ё як ҳисоботи ҷамъбастиро оид ба натиҷаи якчанд аудити иҷрои тавсияҳои пешниҳоднамудаи аудитҳо пешниҳод кардан мумкин аст. Дар бораи мисолҳои мусбати иҷрои пешниҳодҳо иттилоъ додан лозим аст, чунки ин амал барои зиёд гардидани обрӯи ҳам ташкилоти таҳти аудит қарордошта ва ҳам Палатаи ҳисоб мусоидат менамояд.

Ҳисоботи алоҳида оид ба гузарондани аудит бояд ба супориши тартиб додани ҳисоботи аудиторӣ асос ёбад. Ба ташкилотҳои таҳти аудит қарордошта бояд имконияти баён намудани фикри худ дода шавад ва чунин фикр (пурра ё қисман) бояд ба ҳисобот ворид гардад. Ин амал барои таъмин намудани мақоми қонунгузор бо ҳисоботи санҷидашуда ва беғараз аҳамияти калон дорад. Дар ҳисоботи иҷрои тавсияҳои иҷрогардида мо бояд кӯшиш кунем, ки ба мақоми қонунгузор арзёбии самаранокии умумии чораҳои ҳангоми иҷрои пешниҳодҳои ҳар як аудит қабулшударо пешниҳод кунем ва сарфа шудани воситаҳо ё фоидаи дигарро, ки дар натиҷаи гузарондани аудит ба даст оварда шудааст, тасдиқ намоем. Аз рӯи имкон ҳисобот бояд:

- натиҷаҳои таҳлили самараи аз андешидани чораҳо ба дастомадаро дар муқоиса бо натиҷаҳои банақшагирифташуда шарҳ диҳад;
- сатҳи иҷро шудани тавсияҳои пешниҳодгардидаро ҷамъбаст кунад;
- ҳолатҳоеро, ки бо сабаби онҳо фаъолияти ташкилоти таҳти аудит қарордошта амалҳоеро, ки Палатаи ҳисоб дар чунин ҳолатҳо ният дорад иҷро кунад (агар Палатаи ҳисоб чунин ҳисобад, ки чораҳои дахлдорро андешидан зарур аст), дар бар гирад.

## 3. ТАКМИЛИ СИФАТИ ГУЗАРОНДАНИ АСХМД

Роҳбарияти Палатаи ҳисоб бояд ҳамеша ҳам ба таъмини сифати дахлдори кор ҳангоми гузарондани аудити самаранокӣ ва ҳам барои доимо беҳтар намудани он диққат диҳад.

Принсипи мазкур бояд ҳама ҷанбаҳои фаъолияти Палатаи ҳисобро фаро гирад, сар карда аз сатҳи роҳбарӣ, қонеъ гардондани талаботи мизоҷон (Парламент, шаҳрвандон, васоити ахбори омма), идоракунии захираҳои инсонӣ, усулҳои анҷом додани аудитҳо, расмиёту равандҳои дигар, инчунин низоми барои арзёбии самараи кори Палатаи ҳисоб таҳиягардида. Сифат суръатро дар назар дорад ва рушд дар сурате таъмин шуда метавонад, агар ҳама кормандони Палатаи ҳисоб саҳми худро дар такмили доимии кор гузоранд.

Яке аз унсурҳои асосии низоми идоракунии сифат - арзёбии маҷмӯии натиҷаи кор оид ба ноил гардидан ба мақсадҳои дар назди Палатаи ҳисоб гузошташуда мебошад, ки бо ёрии тартиби таҳлил ва аз нав дида баромадани усулҳои кор амалӣ карда мешавад.

Чун қоида, якчанд намуди таҳлил ва аз нав дида баромадани усулҳои кор вуҷуд дорад. Дар баробари ин, ҳар кадоми онҳо бояд ба стандарти дахдлори аудит, меъёрҳои назорати сифат, қоидаҳо, расмиёт, меъёрҳои тасдиқнамудаи Палатаи ҳисоб ва усулҳои дигари тавсияшавандаи кор асос ёбад. Таҳлил ва аз нав дида баромадани усулҳои кор, ки дар ҳама сатҳҳо амалӣ мегарданд, чунин мақсад мегузоранд, ки мутобиқати усулҳои истифодашавандаи кор ба меъёрҳо ва стандарти тасдиқгардида таъмин карда шавад ва барои доимо беҳтар намудани сифати натиҷаи ниҳоии фаъолияти Палатаи ҳисоб мусоидат карда шавад.

Намудҳои асосии таҳлил ва аз нав дида баромадани усулҳои кор, инчунин шарҳи мухтасари онҳо дар ҷадвали 1 пешниҳод мегарданд.

Ҷадвали 1

Намудҳои асосии таҳлил ва аз нав дида баромадани усулҳои кор

| № р/т | Номгӯи намуди таҳлил ва аз нав дида баромадани усулҳои кор | Шарҳи мухтасар |
|---|---|---|
| 1. | Арзёбии кори шахсӣ аз ҷониби гурӯҳи аудиторон | Аудиторони ба ҳайати гурӯҳи аудиторон шомилбуда метавонанд усулҳои аудити аз ҷониби онҳо истифодашударо ҳангоми муҳокимаҳо таҳлил кунанд, чунин муҳокимаҳо одатан пас аз анҷоми аудит ташкил карда мешаванд ё ба воситаи номгӯи саволҳои назоратӣ барои худбаҳогузорӣ баррасӣ кунанд.<br>Номгӯи мазкур ба сифати як навъ хотиррасонкунӣ хизмат карда, вазифаи он мусоидат ба гузарондани аудити баландсифат мебошад. Бо ёрии номгӯй аудитор метавонад дар рафти аудит амалҳои худро тасҳеҳ, инчунин то кадом андоза босифат иҷро шудани аудитро арзёбӣ кунад. Ба ғайр аз ин, номгӯи мазкур барои минбаъд анҷом додани таҳлил ва аз нав дида баромадани усулҳои кор аз ҷониби воҳидҳои дахлдори Палатаи ҳисоб ва ташкилотҳои мустақили дигар, инчунин барои ошкорсозии имкониятҳои такмил додани кори гурӯҳҳои аудиторон ва Палатаи ҳисоб дар умум муфид хоҳад буд. |
| 2. | Таҳлил ва аз нав дида баромадани | Воҳидҳои сохтории дар Палатаи ҳисоб амалкунанда, ки усулҳои корро такмил медиҳанд, дар асоси таҳлили интихобии аудите, ки бо мақсади арзёбии сифати аудит |

| | | |
|---|---|---|
| | усулҳои кор | ва усулҳои барои идоракунии рафти аудит истифодашуда гузаронда мешавад, усулҳои коррро аз нав дида мебароянд. Ғайр аз ин, воҳиди сохтории мазкур он соҳаҳоеро таҳлил менамояд, ки дар онҳо хавфи баландтарин ҳангоми гузарондани ҳама намудҳои аудит вуҷуд дорад.Таҳлил ва аз нав дида баромадани усулҳои кор тамоми ҷанбаҳои ҷараёни аудитро дар бар мегирад ва барои мусоидат намудан ба истифодаи нисбатан босамари таҷрибаи андӯхтаи кормандони Палатаи ҳисоб равона гардидааст. |
| 3. | Анҷом додани аудитҳои дохилӣ | Дар вақти анҷом додани аудитҳои дохилии фаъолияти маъмурии воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисоб чунин стандарти аудит истифода мегардад, ки ҳангоми аудити фаъолияти вазорату идораҳо кор бурда мешавад. Аудити дохилӣ ба роҳбарияти Палатаи ҳисоб имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои фаъолияти дохилии ба хавфи баланд вобаста, инчунин то кадом андоза босамар идора карда шудани чунин хавфҳо муайян карда шавад. |
| 4. | Таҳлили усулҳои кори Палатаи ҳисоб, ки аз ҷониби ташкилотҳои беруна анҷом дода мешавад | Палатаи ҳисоб метавонад ҳар сари чанд вақт барои таҳлили усулҳои кори аз ҷониби он истифодашаванда ташкилотҳои мустақилро таъин кунад, то ин ки натиҷаи аудити дохилӣ тасдиқ карда шуда, баҳои коршиноси мустақил ба даст оварда шавад. |
| 5. | Пурсиш ва омӯзиши мизоҷону ташкилотҳои дигари манфиатдор | Палатаи ҳисоб бояд бо мақсади мунтазам ба даст овардани маълумот, бо мизоҷони худ ва ташкилотҳои манфиатдори дигар дар шакли пурсишҳои гуногун, ки дар онҳо фаъолияти Палатаи ҳисоб арзёбӣ мегардад, робитаи баргардандаро барқарор кунад. |
| 6. | Арзёбии муқоисавии фаъолияти Палатаи ҳисоб ва ҳамкорӣ бо мақомоти дигари назорати давлатии молиявӣ | Палатаи ҳисоб бояд ҳамеша бо мақомоти дигари назорати давлатии молиявӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он, инчунин ташкилотҳои мустақили ҷамъиятӣ ҳамкорӣ кунад. Табодули таҷрибаи фаъолияти амалӣ бо роҳи табодули маълумот дар доираи конфронсу симпозиумҳои баргузоршаванда, инчунин нигоҳ доштани робитаи доимии корӣ амалӣ мегардад. |

Низоми идоракунии сифат ба як қатор приснипҳо асос меёбад, онҳоро ба таври зерин ифода намудан мумкин аст:

- сифат дар ҷараёни иҷрои ин ё он кор таъмин мегардад, на бо ёрии аудити натиҷаҳои он ё рӯйхати назоратӣ;
- вазифаҳои ҳама иштирокчиёни ҷараёни амалишавии назорат аниқ муайян карда, ба таври дахлдор шарҳ дода мешаванд;

- механизми назорат сари вақт ба намудҳои асосии хавф вокуниш зоҳир менамояд. Мавҷудияти аз ҳад зиёди механизмҳои назорат ба беназоратӣ оварда мерасонад;

- раванди самарабахши амалисозии назорат таҳия карда мешавад;

- механизми ба истилоҳ «зина - ба зинаи» назорат омода карда мешавад, ки он мутобиқати дахлдори воситаҳои беруна, корпоративӣ, дастҷамъона, гурӯҳӣ ва фардии назоратро таъмин менамояд;

- механизмҳои назорат ба санҷидани натиҷаҳои фаъолият равона карда шудаанд;

- мутахассисони нисбатан пуртаҷриба дар такмили доимии принсипҳои асосии назорат иштирок менамоянд.

Принсипҳои асосии идоракунии сифат бояд ҷузъи таркибии дурнамои фаъолияти Палатаи ҳисоб бошанд ва доимо бо назардошти шароити мавҷуда, ки дар он Палатаи ҳисоб фаъолияти худро амалӣ мегардонад, тағйир ёбанд ва нав карда шаванд. Дар ин сурат ба он такя кардан лозим аст, ки ҳеҷ гоҳ тамоми қоидаю воситаҳои назоратро, ки ҳама ҳолатҳои имконпазири ҳангоми гузарондани аудит пайдошавандаро ба назар мегиранд, фикр карда баромадан ғайиимкон аст. Бинобар ин, қайд кардан муҳим аст, ки ҳар як аудитор бояд барои қабул намудани қарорҳои оқилона, асоснок ва босалоҳият қодир бошад.

Яке аз мушкилоти асосие, ки бо кори низоми идоракунии сифат вобаста мебошад, **зарурати таъмин кардани таносуби муносиби байни чораҳои ҳатмӣ оид ба назорат ва он сатҳи озодӣ дар қабул намудани қарор аз рӯи салоҳдиди худ ба ҳисоб меравад, ки аз он** кормандони Палатаи ҳисоб истифода карда метавонанд.

Аз як тараф кормандони Палатаи ҳисоб бояд имкон дошта бошанд, ки ӯҳдабароёна бо салоҳдиди худ қарор қабул намоянд. Аз тарафи дигар, роҳбарияти Палатаи ҳисоб кӯшиш мекунад, ки идоракунии хавфҳои асосӣ бо ёрии чунин воситаҳо, ба монанди риояи талаботи мавҷуда ва тартиб додани ҳуҷҷат оид ба чораҳои асоси назоратӣ анҷом дода шавад.

Низоми идоракунии сифат, чун қоида, аз се қисмати асосӣ иборат мебошад:

**1. Идоракунии рафти аудит,** ки унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- салоҳият ва ваколатҳои Палатаи ҳисоб мутобиқи қонунгузории амалкунанда;

- мустақилият, беғаразӣ ва софдилии кормандони Палатаи ҳисоб, ки аудит мегузаронанд;

- анҷом додани аудит мутобиқи усулҳои таҳиягардида оид ба гузарондани аудит, тавсияҳои вобаста ба анҷомдиҳии аудит ва маслиҳатҳои мушаххаси амалӣ;

- машварат бо коршиносони мустақил дар сурати ошкор гардидани мушкилоти мураккаб, ғайриоддӣ ва ношинос ҳангоми анҷом додани аудит;

- иҷозати кор бо ҳуҷҷатҳои махфӣ, таъмини дастрасӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои кории аудит.

**2 . Идоракунии захираҳои инсонӣ,** ки иборатанд аз:

- интихоби мутахассисони ба талабот ҷавобгӯй;
- таъмин намудани роҳбарӣ ва назорати анҷомдиҳии аудитҳо;
-таъмини назорати сифат ва натиҷаҳои кор;
- такмил додани тахассусияти кормандон;
- фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ.

**3. Такмили доимии усулҳои кор** тавассути анҷом додани таҳлили роҳу муносибатҳои истифодашаванда бо мақсади дараҷаи мутобиқати онҳо ба меъёрҳои идоракунии сифат.

Такмили доимии усулу муносибатҳо ҷузъи ҷудонопазири ҳар гуна низоми идоракунии сифат ба ҳисоб меравад. Ҷараёни такмили доимӣ, чун қоида, шаш намуди фаъолияти зерини ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки ба ҳама унсурҳои низоми идоракунии сифат ба таври баробар алоқамандӣ доранд:

1) истифодаи шаклҳои гуногуни таҳлил барои арзёбии ягон намуди маҳсулот ё раванд;
2) ошкор намудани усулҳои омӯзишии кор ва тартиб додани ҳуҷҷатҳо оид ба онҳо;
3) барасмиятдарории стандарт ва усулҳои тавсияшавандаи кор;
4) омӯхтани масъалаҳои вобаста ба такмили усулҳои кор бо мақсади омодасозии пешниҳод дар бораи такмили минбаъдаи усулу муносибатҳо;
5) омодасозии номгӯи чораҳои ба такмили кор равонагардида;
6) такмили тахассусияти касбии кормандон, ки шиносоиро бо стандарти нав ва усулҳои тавсияшавандаи кор дар бар мегирад.

Мақсади асосии низоми идоракуни сифати кор анҷом додани аудити босифати аудити самаранокӣ, омодасозии ҳисоботи босифат аз рӯи натиҷаи аудит, ки дар натиҷаи иҷрои тавсияҳои он чораҳои мушаххас андешида мешаванд ва онҳо ба беҳтар намудани сифати идоракунӣ ва самаранокии истифодаи маблағи давлатӣ мусоидат мекунанд.

**ХУЛОСА**

Дастурамали мазкур ба назорати иҷрои пешниҳоду тавсияҳои аз рӯи натиҷаи аудити самаранокии анҷомдодаи Палатаи ҳисоб вобаста мебошанд. Баррасӣ намудани масъалаи мазкур омӯзиши муфассали

пешниҳоду тавсияҳое мебошад, ки ҷузъҳои таркибии аудит ба ҳисоб мераванд, аз ҷумла банақшагирии фаъолият оид ба аудит, аудитҳои чандтарафа оид ба иҷрои пешниҳоду тавсияҳо, муайян намудани захираҳо барои анҷом додани аудит, сарчашмаҳои маълумот, барасмиятдарории натиҷаҳои аудит, арзёбии таъсири аудити самаранокӣ ба фаъолияти ташкилоти таҳти аудит қарордоштаро дар бар мегирад.

Бомуваффақият аз худ намудани масъалаю мафҳумҳои зикргардида, истифодаи онҳо дар амал имкон медиҳанд, ки фаъолият босамар назорат карда шавад ва аз ҷониби ташкилотҳои таҳти аудит қарордошта тавсияҳо иҷро гарданд, ки ин ба натиҷабахшии фаъолияти Палатаи ҳисоб дар қисми гузарондани аудити самаранокии харҷоти маблағи давлатӣ таъсири мусбат мерасонад.